# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пешниҳод шудааст.

Адабиёти муосири тоҷик дар тамоми давраҳои мавҷудияти худ бо ибтикори намояндагони барҷастааш ҳамеша дар рушду нуму ва пешравиҳои адабӣ будааст. Оғози ин таҳаавулот ва рушду такомулоти адабӣ ба солҳои 50 ва 60-уми садаи гузашта рост омадааст. Дар ин давра устод Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ҳабибулло Файзулло, Гулназар, Гулрухсор дигарон ба майдони адабиёт ворид шуда, бо осори арзишманд, ҷасорати адабӣ ва ибтикороти хеш рушди назарраси адабиёти замони хешро таъмин намудаанд. Ғоиб Сафарзодаро низ метавон дар сафи ин адибон шомил намуд, ки бо фаъолияти пурбору мондагони худ, бо таълифи осори лирикӣ, публитсистӣ ва адабии хеш дар инкишофи адабиёти муосири тоҷик саҳми арзанда гузоштааст.

Дар бораи зиндагинома ва эҷодиёти Ғоиб Сафарзода олимону донишмандони суханшинос дар зимни пажуҳишҳои тахассусии худ маълумот манзур кардаанд, ки онҳо ба қалами Б. Насриддинов, М. Шукуров, С. Табаров тааллуқ доранд. Аммо то кунун мавзуи мазкур дар адабиётшиносӣ ба таври ҷомеъ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Бино бар ин, ба таҳқиқи монографӣ гирифтани “Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода” аз ҷониби Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна айни муддао буда, саҳифаи тозаеро дар адабиётшиносии муосири тоҷик боз менамояд.

Автореферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» аз муқаддима се бобу

фаслҳои ба бобҳо мувофиқу дахлдор ва хулосаю китобнома таркиб ёфтааст.

Диссертант дар муқаддима аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаи таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, предмети таҳқиқот, навоварӣ, метод ва асосҳои назарию методологии таҳқиқот, аҳамияти амалӣ, мундариҷа ва сохтори рисоларо асосан, дуруст мавриди баррасӣ қарор додааст.

Боби нахусти диссертатсия «**Шарҳи ҳол, фаъолияти эҷодӣ ва мероси адабии Ғоиб Сафарзода**» номида шуда, дар фаслҳои он «Зиндагиномаи шоир ва заминаҳои ташаккулёбии шахсияти ӯ», «Равобити адабию маънавии адибони рӯзгори шоир», «Фаъолияти публитсистӣ ва тарҷумонии Ғоиб Сафарзода», «Назари адибону мунаққидон ба дастовардҳои шоир ва натиҷаи фаъолияти гуногунҷабҳаи вай» ва «Осори таълифии шоир ва таснифи жанрии онҳо» бо такя ба маводи мавҷудаи таҳқиқӣ ва мероси бозмондаи Ғоиб Сафарзода баррасӣ ва натиҷагирӣ шудааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Муҳтавои ашъори Ғоиб Сафарзода**» номгузорӣ гардида, дорои 5 фасл мебошад. Дар фаслҳои мувофиқи боби мавриди назар диссертант осори манзуми адибро мавриди мутолиа қарор дода, онҳоро пайдарпай ва тибқи талабот ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Боби сеюми диссертатсия «**Ҳунари шоирии Ғоиб Сафарзода**» унвон дошта, дар фаслҳои алоҳидаи он ба масъалаҳои вазн, қофия, радиф, санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ, забон ва сабки нигориш дахл карда шуда, дар пояи назарияи донишмандони гузашта ва муосир ҳунари суханофаринии Ғоиб Сафарзода таҳқиқ гардидааст. Дар фаслҳои мувофиқи боби мавриди назар диссертант осори манзуми адибро мавриди мутолиа қарор дода, онҳоро пайдарпай ва тибқи талабот ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи мазкур маълум мегардад, ки Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна ковишҳои вофире анҷом дода, ба ин тавассут ба дастовардҳои хубу назаррас ноил шудааст. Хулосаҳои диссертатсия андешаҳои ҷолиби илмӣ буда, диссертант онҳоро дар 13 банди мушаххас асоснок кардааст.

Дар баробари муваффақияту дастовардҳо дар матни автореферати диссертатсияи ҳозир баъзе камбудиҳо низ ба назар расиданд, ки зикри онҳоро барои корҳои ояндаи диссертант муҳим меҳисобем:

1. Бо ҳарфи ӯ навиштани калимаи «тул», ҳол он ки ин калима тибқи меъёри имлои нави забони тоҷикӣ дар шакли мазкур бо ҳарфи у навишта мешавад (саҳ.3).

2. Дар ҳолати пайваст омадани аломати «–» (саҳ.12, 13, 14, 15, 16, 17)

3. Бемаврид ба кор рафтани вожаи «тозагӣ» (саҳ. 19.)

Он камбудиҳое, ки ин ҷо оварда шуд, ба ҳеҷ ваҷҳ ба мазмуни умумии автореферати диссертатсияи мавриди назар халал ворид намекунанд ва ҳамаи онҳо ислоҳпазиранд.

Дар умум, дар автореферати диссертатсия муҳокима, масъалагузорӣ пурра дар доираи талаботи илми адабиётшиносӣ қарор дорад. Автореферат муҳтаво ва мундариҷаи диссертатсияро комилан фаро гирифтааст. Ҳамаи ин ба мо имконият медиҳад, иброз дорем, ки автореферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода», таҳқиқоти анҷомёфтаи илмист ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики**
**Донишкади омӯзгории Тоҷикистон**
**дар шаҳри Панҷакент:** **Ғаффоров Мизроб Ҷалилович**

Нишонӣ: 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ, 106
Тел: 927-05-53-55
E-mail: mizrob66@mail.ru

Имзои Ғаффоров М-ро тасдиқ мекунам:

**Шуъбаи кадрҳои**
**Донишкади омӯзгории**
**Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент:** **Қурбонов М.**

Нишонӣ: 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ, 106
Тел: 938-98-99-99

12.02.2024